Дар моҳҳои январ - июни соли 2025 ҳаҷми гардиши савдои яклухт, чакана ва таъмири автомобилҳо 33313,7 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба моҳҳои январ - июни соли 2024 - ум бо нархҳои муқоисавӣ 9,0 фоиз зиёд шудааст (индекси нарх 103,6 фоизро ташкил додааст).

Дар моҳҳои январ - июни соли 2025 ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ дар ҷумҳурӣ, ки дар ҳамаи соҳаҳои хизматгузор расонида шудааст 13508,9 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта бо нархҳои муқоисавӣ 12,8 фоиз зиёд шудааст (индекси нарх 104,2 фоизро ташкил додааст).

Аз аввали соли 2025 индекси нархҳои истеъмолӣ – 101,8 фоиз, аз он ҷумла: молҳои озуқаворӣ – 102,9 фоиз, ба молҳои ғайриозуқаворӣ – 100,0 фоиз ва хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ – 103,4 фоизро ташкил кард.

Аз аввали соли 2025 нархи маҳсулоти хӯроквории зерин қимат шудааст, ки асосан аз ҳисоби болоравии нархи равған ва чарбу – 5,8 фоиз (равғани офтобпараст – 8,2 фоиз ва равғани пахта – 5,4 фоиз); сабзавот – 26,7 фоиз (сабзӣ – 2,1 баробар, карам – 37,7 фоиз, бехпиёз – 30,7 фоиз ва картошка – 22,6 фоиз); маҳсулоти гӯштӣ – 4,8 фоиз (гӯшти гӯсфанд – 10,2 фоиз ва гӯшти гов – 6,7 фоиз); мевагиҳо – 8,0 фоиз ва нӯшокиҳои беспирт – 0,9 фоиз ба миён омадааст.

Аз аввали соли 2025 индекси нархи молҳои ғайриозуқаворӣ бе тағйир 100 фоиз мебошад. Нархи сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ – 12,0 фоиз, бензин – 7,8 фоиз, сӯзишвории дизелӣ (солярка) – 8,6 фоиз ва гази моеъ – 19,0 фоиз коҳиш ёфтааст.

Аз аввали соли 2025 арзиши таърифаи хизматрасонии пулакие, ки ба аҳолӣ расонида мешавад, умуман – 3,4 фоиз афзоиш ёфтааст, ки асосан аз ҳисоби арзиши хӯроки умумӣ – 4,7 фоиз ва хизматрасониҳои маишӣ – 1,7 фоиз ба қайд гирифта шудааст. Зимнан, арзиши пардохти гази моеъ – 16,0 фоиз коҳиш ёфтааст.

Шумораи қувваҳои корӣ (аҳолии машғули кор ва бекорони расмӣ ба қайд гирифташуда) аз рӯи баҳои пешакӣ дар моҳи июни соли 2025-ум 2801,8 ҳазор нафарро ташкил дод, ки аз ҷумлаи онҳо 2750,9 ҳазор нафар (98,2 фоиз) дар соҳаҳои иқтисодиёт машғуланд ва 50,9 ҳазор нафар расмӣ мақоми бекорро гирифтаанд, ки 1,8 фоизи шумораи қувваҳои кориро ташкил медиҳанд.

Шумораи бекорони дар Агентиҳои меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон расмӣ ба қайд гирифташуда дар охири моҳи июни соли 2025-ум 50,9 ҳазор нафарро ташкил карда, нисбат ба моҳи июни соли 2024-ум 3,2 фоиз зиёд шудааст. Аз ҷумлаи бекорони бақайд гирифташуда занон 47,6 фоиз (24,2 ҳазор нафар). Сатҳи бекории расмӣ ба қайд гирифташуда нисбат ба шумораи қувваҳои корӣ 1,8 фоизро ташкил кардааст.

Музди миёнаи ҳармоҳаи номиналии меҳнат, ки ба кормандони кироякор пардохта шудааст, дар моҳи июни соли 2025-ум 3136,12 сомониро ташкил дод, ки нисбат ба моҳи майи соли 2025–ум 13,5 фоиз зиёд ва нисбат ба моҳи июни соли 2024-ум 21,4 фоиз зиёд шудааст.

Музди ҳадди ақал 800 сомониро ташкил медиҳад.

Дараҷаи музди ҳақиқии меҳнат дар моҳи июни соли 2025 нисбат ба моҳи майи соли 2025-ум 13,6 фоиз ва нисбат ба моҳи июни соли 2024-ум 17,2 фоиз зиёд шудааст.

Дар моҳҳои январ-июни соли 2025 Ҷумҳурии Тоҷикистон бо 109 мамлакат, аз он ҷумла бо 10 мамлакатҳои ИДМ ва бо 99 мамлакати хориҷи дур муносибати савдои хориҷиро анҷом додааст.

Дар моҳҳои январ-июни соли 2025 гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4731,1 млн. доллари ИМА-ро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2024-ум 7,2 фоиз ё 316,8 млн. доллар зиёд шудааст.

Дар моҳҳои январ-июни соли 2025 содироти мол 955,3 млн. долларро ташкил кард, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2024-ум 4,3 фоиз ё 42,5 млн. доллар кам шудааст.

Воридоти мол ба ҷумҳурӣ 3775,8 млн. долларро ташкил кардааст, ки нисбат ба моҳҳои январ-июни соли 2024-ум 10,5 фоиз ё 359,3 млн. доллар зиёд мебошад.

Оид ба содирот шарикони асосӣ инҳоянд: Нидерландия – 27,5 фоизи ҳаҷми умумии содирот, Чин – 22,1 фоиз, Туркия – 13,4, фоиз, Ӯзбекистон – 10,9 фоиз, Эрон – 4,9 фоиз, Русия – 5,6 фоиз, Афғонистон – 4,9 фоиз, Қазоқистон – 4,2 фоиз ва ғайраҳо.

Воридоти мол асосан аз мамлакатҳои зерин сурат гирифтааст: Русия – 26,9 фоиз аз ҳаҷми умумии воридот, Чин – 26,2 фоиз, Қазоқистон – 14,2 фоиз, Ӯзбекистон – 5,1 фоиз, Эрон – 4,6 фоиз, Беларусия – 2,7 фоиз, Ҷумҳурии Корея – 2,5 фоиз, Туркия – 2,3 фоиз, Олмон 1,5 фоиз, Ҷопон ва АМА – 1,3 фоизӣ, ИМА ва Ҳиндустон 1,1 фоизӣ, Покистон – 0,7 фоиз ва ғайраҳо.

Дар амалиёти савдои хориҷӣ афзоиши бештари содирот нисбат ба воридот бо Нидерландия (246,4 млн. доллар), Туркия (39,4 млн. доллар), Афғонистон (38,2 млн. доллар) ва Хорватия (0,9 млн. доллар) мушоҳида шудааст.


**Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**734025, Тоҷикистон, Душанбе, Бохтар, 17**
**E-mail: stat@tojikiston.com http://www.stat.tj,**
**тел: (992 37) 223-02-45, факс: (992 37) 221-43-75**


# ВАЗЪИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МОҲҲОИ ЯНВАР- ИЮНИ СОЛИ 2025

**2025**




**АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

## ВАЗЪИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Саноат.** Дар моҳҳои январ – июни соли 2025 корхонаҳои саноатӣ якҷо бо соҳибкорони хусусӣ ба маблағи 29617,0 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол кардаанд, ки нисбат ба моҳҳои январ - июни соли 2024-ум (бо нархҳои муқоисавӣ) 24,0 фоиз афзудааст. .

Омили асосии рушди суръати соҳаи саноат асосан аз ҳисоби афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноати истихроҷ – 1,7 баробар, саноати коркард – 5,0 фоиз, таъминоти нерӯи барқ, газ, буғ ва тозакунии ҳаво – 13,2 фоиз, таъминоти об, тозакунӣ, коркарди партовҳо ва маҳсулоти дуюмдараҷа – 15,9 фоиз ба амал омадааст.

Дар саноати истихроҷи маъдан дар моҳҳои январ – июни соли 2025 ба маблағи 9923,5 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда шудааст, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нисбат ба моҳҳои январ – июни соли 2024-ум бо нархҳои муқоисавӣ 1,7 баробар зиёд шудааст.

. Афзоиши суръати рушди саноати истихроҷи маъдан аз рӯи намудҳои маҳсулотҳои истеҳсолӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта аз ҳисоби истихроҷи ангиштисанг ва бур – 10,7 фоиз, нафти хом ва гази табиӣ – 2,0 баробар, маъданҳои филизӣ – 1,7 баробар, ҳаргуна канданиҳои фоиданок – 1,5 баробар мушоҳида мегардад.

Ҳаҷми истеҳсолот дар саноати коркард дар моҳҳои январ – июни соли 2025–ум 13910,3 млн. сомонӣ, аз он маҳсулоти хӯрокворӣ якҷоя бо нӯшокиҳо ва тамоку 4805,9 млн. сомонӣ, истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ 1365,2 млн. сомонӣ, истеҳсоли маҳсулот аз чӯб ва қоғаз, фаъолияти табъу нашр 336,7 млн. сомонӣ, истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ 25,5 млн. сомонӣ, истеҳсоли маҳсулоти кимиёвӣ 235,4 млн. сомонӣ, ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ 1917,0 млн. сомонӣ, истеҳсолоти металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ 4553,1 млн. сомониро ташкил дод. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ умуман дар соҳаи коркард 5,0 фоиз зиёд шудааст.

Дар моҳҳои январ – июни соли 2025 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ якҷоя бо нӯшокиҳо ва тамоку 8,0 фоиз зиёд шуд, ки он аз ҳисоби истеҳсоли арақ ва маҳсулоти ликёру арақ – 26,5 фоиз, макарон – 17,7 фоиз, маҳсулоти қаннодӣ – 41,8 фоиз, гӯшти мурғ – 19,8 фоиз ба вуҷуд омадааст.

Дар истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 3,5 фоиз кам шудааст, ки асосан аз ҳисоби камшавии истеҳсоли газворҳо – 19,1 фоиз, маҳсулоти ҷӯробу пайпоқ – 77,1 фоиз ва нахи пахта – 52,7 фоиз, мушоҳида мегардад.

Ҳаҷми истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва тозакунии ҳаво дар моҳҳои январ – июни соли 2025-ум 5612,1 млн. сомониро ташкил кард, ки рушди истеҳсолот аз рӯи намуди фаъолияти мазкур ба 113,2 фоиз баробар шуд.

Ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар моҳҳои январ - июни соли 2025 дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ 23853,8 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2024-ум бо нархҳои муқоисавӣ 9,7 фоиз зиёд мебошад, аз он ҷумла дар соҳаи растанипарварӣ 15891,3 млн. сомонӣ ё ки 9,0 фоиз ва чорвопарварӣ 7962,5 млн. сомонӣ ё 11,2 фоиз зиёд аст.

Дар моҳҳои январ - июни соли 2025 дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ 679065 тонна ғалладонагиҳо (гандум 579031 тонна), 267929 тонна картошка, 1217009 тонна сабзавот (пиёз 390846 тонна), 590881 тонна полизӣ, 297731 тонна мевагиҳо (30562 тонна себ ва 168505 тонна зардолу), ангур 3738 тонна ва хӯроки чорво ба ҳисоби воҳиди хӯрока 496962 тонна истеҳсол карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2024-ум картошка 0,3 фоиз, полизӣ 43,1 фоиз, мевагиҳо 32,4 фоиз (себ 1,6 баробар ва зардолу 15,5 фоиз), ангур 38,2 фоиз ва зироатҳои хӯроки чорво 9,7 фоиз зиёд шуда, истеҳсоли ғалладонагиҳо 0,9 фоиз (гандум 3,8 фоиз) сабзавот 3,8 фоиз (пиёз 29,5 фоиз) кам шудааст.

То 1 июли соли 2025 дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо саршумори чорвои калони шохдор 2851,5 ҳазор сарро ташкил кардааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 145,8 ҳазор сар ё 5,4 фоиз зиёд аст. Дар ҳамин давра саршумори гӯсфанду буз 7476,9 ҳазор сарро ташкил дода, 387,3 ҳазор сар ё 5,5 фоиз афзуд. Дар моҳҳои январ - июни соли 2025 ҳаҷми истеҳсоли гӯшти чорвои калон ва майда (дар вазни зинда) дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо 98795 тоннаро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2024-ум 11,8 фоиз зиёд мебошад.

Ҳаҷми умумии истеҳсоли шир дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар моҳҳои январ - июни соли 2025- ум 436935 тоннаро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2024-ум 5,8 фоиз зиёд мебошад.

Дар моҳҳои январ - июни соли 2025 ба миқдори 669,2 млн. дона тухм истеҳсол карда шудааст, ки нисбат ба нишондиҳандаи ҳамин давраи соли 2024-ум 23,2 фоиз зиёд мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ истеҳсоли гӯшти паранда дар ҳамаи категорияи хоҷагидор ба 19681 тонна расонида шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2,6 фоиз зиёд мебошад.

Дар ин давра ҳаҷми истеҳсоли пашм 5806,8 тоннаро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2024-ум 5,8 фоиз зиёд аст. Ҳаҷми истеҳсоли пилла 233,4 тоннаро ташкил намуд, ки дар муқоиса нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 34,4 фоиз кам мебошад.

Ҳаҷми истеҳсоли асал дар моҳҳои январ - июни соли 2025 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ҷумҳурӣ 673,9 тоннаро ташкил намуд, ки дар муқоиса нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2,2 фоиз зиёд мебошад

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти моҳипарварӣ дар моҳҳои январ - июни соли 2025-ум 57,1 млн. сомониро ташкил кард, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 22,5 фоиз зиёд шудааст.

Дар моҳҳои январ - июни соли 2025 дар хоҷагиҳои моҳипарварии ҷумҳурӣ сайди моҳӣ 1906,0 тоннаро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 13,9 фоиз зиёд мебошад.

Дар моҳҳои январ-июни соли 2025 сармоягузории сармояи асосӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармоягузорӣ ба маблағи 11410,6 млн. сомонӣ истифода карда шудааст, ки нисбат ба моҳҳои январ-июни соли 2024-ум 114,6 фоизро (бо нархҳои муқоисавӣ) ташкил медиҳад.

Дар моҳҳои январ-июни соли 2025 ба масоҳати умумӣ 526,9 ҳазор метри мураббаъ хонаҳои истиқоматӣ ба истифода дода шудаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 83,7 фоизро ташкил медиҳад.

Дар моҳҳои январ июни соли 2025 бо ҳамаи намуди нақлиёт 66687,8 ҳазор тонна бор кашонида шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 9,3 фоиз афзудааст.

Дар моҳҳои январ - июн соли 2025 бо нақлиёти автомобилии ҳамаи вазорату идораҳо, корхонаву ташкилотҳои ҳамаи шаклҳои моликият, ки нақлиёти автомобилӣ доранд ва инчунин бо нақлиёти автомобилии шахсони воқеӣ, ки ба боркашонии тиҷоратӣ машғуланд, 63058,6 ҳазор тонна бор кашонида шуд, ки 94,6 фоизи ҳаҷми умумии боркашонии ҳамаи намудҳои нақлиётро ташкил медиҳад. Нисбат ба моҳҳои январ – июн соли 2024 ҳаҷми боркашонӣ 9,2 фоиз зиёд шудааст.

Дар моҳҳои январ – июни соли 2025 бо нақлиёти роҳи оҳан (бо назардошти молборкунӣ, молфарорӣ ва интиқоли борҳои транзитӣ) 3628,6 ҳазор тонна бор кашонида шудааст, ки нисбат ба моҳҳои январ - июни соли 2024-ум -12,4 фоиз зиёд шудааст.

Гардиши бор бо ҳамаи намудҳои нақлиёт дар моҳҳои январ - июни соли 2025 дар ҳаҷми 6816,9 млн.т.км ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба моҳҳои январ-июни соли 2024-ум 16,4 фоиз зиёд шудааст.

Бо ҳамаи намудҳои нақлиёти мусофиркашонӣ дар моҳҳои январ - июни соли 2025-ум 511094,1 ҳаз. нафар мусофир кашонида шудааст, ки нисбат ба моҳҳои январ – июни соли 2024-ум 5,8 фоиз зиёд аст. Мусофиркашонӣ бо нақлиёти хушкигард дар ҷумҳурӣ ҷои асосиро ишғол менамояд, ки таносуби он 99,9 фоизи ҳаҷми умумии мусофиркашонии ҳамаи намудҳои нақлиётро ташкил медиҳад.

Гардиши мусофирон бо ҳамаи намудҳои нақлиёт дар моҳҳои январ - июни соли 2025-ум 7605,7 млн. мусофир км-ро ташкил кард, ки нисбат ба моҳҳои январ-июни соли 2024-ум 13,3 фоиз зиёд шудааст.

Дар моҳҳои январ - июни соли 2025 ҳаҷми гардиши савдои яклухт, чакана ва таъмири автомобилҳо 33313,7 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба моҳҳои январ - июни соли 2024 - ум бо нархҳои муқоисавӣ 9,0 фоиз зиёд шудааст (индекси нарх 103,6 фоизро ташкил додааст).

Аз он ҷумла, дар бозорҳои озуқаворӣ, ашё ва молҳои омехтаи ҷумҳурӣ ба маблағи 12188,6 млн. сомонӣ ё 43,6 фоизи ҳаҷми умумии гардиши моли чаканаро ташкил медиҳад. Дар ин давра ба маблағи 2670,4 млн. сомонӣ чорвои зинда, 963,6 млн. сомонӣ автомобилҳо, мототсиклҳо ва қисмҳои эҳтиётии онҳо, 6313,2 млн. сомонӣ маҳсулоти нафтӣ ва ба маблағи 5535,2 млн. сомонӣ дигар молҳо фурӯхта шудаанд. Ҳаҷми гардиши корхонаҳо оид ба хизматрасонии техникии таъмири автомобилҳо 315,0 млн. сомониро ташкил додааст.